# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 29 сентябри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (Роҳбари илмӣ – Исмаилов Шавкат Маҳмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Пулатов Азамат Содиқҷонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктории илмҳои ҳуқуқшиносӣ, академик Маҳмудзода Маҳкам Азам, профессорон Тағойназаров Шариф Тағойназарович, Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ, Ғаюров Шукрулло Караматуллоевич ва муқарризи ғайрирасмӣ д.и.ҳ., дотсент Сангинов Дониёр Шомаҳмадовичро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

**1.** Диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти аспирант пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷоновичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Муовини раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Золотухин А.В.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**